# ВАҲДАТИ МИЛЛӢ - КАФИЛИ СУЛҲИ ТОҶИКОН

Ваҳдати миллӣ самараи истиқлол ташаккулдиҳандаи оромиву осоиштагӣ ва сарҷаъмиву якдилии мардуми тоҷик маҳсуб меёбад. Миллати тоҷик дар замоне ба ин дастоварди бузург ноил гашт, ки таҳдиду хатарҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва оқибатҳои он вазъияти кишваро хароб сохта буданд. Маҳз дар солҳои вазнини ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ (5 майи соли 1992 - 27 июни соли 1997) шумораи кушташудагон дар манотиқи кишвар беш аз 100 ҳазор ва шумораи гурезагон тахминан ба 1 млн омада расид. Зарари иқтисодии Ҷумҳури Тоҷикистон аз оқибатҳои харобовари ҷанг ба 10 миллиард долари амрикоӣ баробар гардид. Маҳз талош ва хизматҳои бузурги Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба он хотир буд, ки ҳарчи зуддтар роҳеро пайдо намояд то кишварро аз оқибатҳои ҷанг ва миллатро аз парокандагӣ раҳонад.

Воқеан ҳам Ваҳдати миллӣ барои сарҷаъмиву мутаҳиддӣ ва якдигарфаҳмию осоиштагии халқи Тоҷик бисёр имкониятҳои созандаро дар ҷомеа фароҳам овард. Зеро мо ба восити он ба ҳам муттаҳид гардида бо ба роҳ мондани созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ иттиҳоду ягонагӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, амнияту осоиштагӣ ва рушди бомароми созандагию ободониро дар тамоми соҳаҳои кишвар ба даст овардем, ки ин ҳамааш неъмати бебаҳои Ваҳдати миллӣ арзёбӣ мешавад.

Маҳз 26- сол муқаддам миллати тоҷик аз оқибатҳои нобаҳангоми ҷанги шаҳрвандӣ, ки сабаби пароканда гаштани халқ гардида буд дар ҳарос буданд. Воқеан ҳам он замон дигар умеде намонда буд, зеро қатлу куштори бераҳмонаи гурӯҳҳои мухолифини наҳзатӣ миёни ҷомеа афзоиш меёфтанд. Роҳбарони хоҷапарасти наҳзатӣ ақидаҳои динниву ифротии худро дар миёни халқ тарғибнамуда онҳоро барои куштани ҳамватани худ, бародари худ водор месохтанд.

Бояд қайд намуд, ки сабагори ин ҳама ранҷу озори мардум ва пароканда шудани халқ дар замони ҷанги шаҳрвандӣ маҳз раҳбарони собиқ ҲНИ ба ҳисоб меравtotal. Инҳо мудом мехостанд, ки ҳадафҳои тарғиботии ифротиву террористии хоҷагонашонро дар кишвари мо ба роҳ монанд, аммо муввафақ, ки нашуданд оқибат кишваро ба вартаи ҷанг оварда расониданд.

Бояд гуфт, дар он замон хатари аз байн рафтани миллат, пароканда шудани халқ дар назар буд. Дар ҳақиқат агар он замонҳо Эмомалӣ Раҳмон вазъиятро бар даст намегирифт аз байн рафтани миллати тоҷик дар назар буд. Ва мардум дар банди ҷаҳолати ин чеҳраҳои манфури ҳизби терррористӣ асир мемонданд. Ва хушбахтона имрӯз бо боварии комил метавон гуфт, ки маҳз он замон саҳми бевоситаи Асосгузори Сулҳу Ваҳдати миллӣ Пешвои

миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои эҳёи Ваҳдати миллӣ ва барқарор намудани сулҳу субот ва ризояти миллӣ дар кишвар низ калон аст.

Ваҳдати миллӣ барои миллати соҳибтамаддуни Тоҷик ҷашни орзуву аъмоли нек, якдигарфаҳмию муттаҳид будан, сарҷаъму орому осоиша умр ба сар бурдани тамоми сокинони кишвар ба ҳисоб меравад.

Ин ҷашни якдиливу ҳамбастагӣ маҳз бо талошу заҳматҳои бевоситаи роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба даст омадааст. 26 сол муқаддам дар ин шабу рӯз кишвари мо бо сабаби роҳбарони ТТЭ ҲНИ дар оташи ҷанги шаҳрвандӣ месухт, вале роҳбари давлат ба ин нигоҳ накарда саннаи 27- уми июни соли 1997 дар Кремли шаҳри Москва дар нуҳуним гуфтушуниди сулҳ ҳамроҳи роҳбари Иттиҳоди мухолифини Тоҷикистон Саид Абдуллоҳи Нурӣ, “Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ”- ро ба имзо расониданд.

Хушбахтона бо имзо расидани ин ҳуҷҷати муҳим оташи ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвар хомуш гардида фазои ҷангзада ва гиряву оҳу нолаи модарон аз марги фарзандон ва хешу ақрабояшон ором гардид. Танҳо наҷоти ин миллат аз нестшавӣ ва пароканда гардидани халқ маҳз ҳамин ҳуҷҷат гардид, ки ҳамааш аз иродаву матонати роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон вобаста буд.

Маҳз дар натиҷаи гуфтушунид Ҳукумати Тоҷикистон бо роҳбари Иттиҳоди мухолифини Тоҷикистон якчанд ҳуҷатҳои зеринро ба имзо расониданд:

— Созишномаи умумӣ оид ба таъсиси сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон;

— Протокол оиди ҳамдигарфаҳмӣ миёни президент Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари Иттиҳоди мухолифин Саид Абдуллоҳ Нурӣ;

— Изҳороти дар Маскав тасвиб шудаи президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, роҳбари Иттиҳоди мухолифин Саид Абдуллоҳ Нурӣ ва намояндаи махсуси Котиби Генералии СММ. Д. Меррема.

— Созишномаи умумӣ оид ба таъсиси сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ҳамчунин 9 ҳуҷҷати дигарро дар бар мегирифт.

Протокол оиди қонунҳои асосии таъсиси сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон;

Созишномаи президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари ИМТ Нурӣ дар ҷамъбасти гуфтугӯҳо дар шаҳри Маскав 23 юми декабри соли 1996;

Протокол дар бораи вазифаҳои асосӣ ва ваколатҳои Комиссияи оштии

миллӣ;

Низомнома дар бораи Комиссияи оштии миллӣ;

Протоколи иловагӣ ба протокол "Дар бораи вазифаҳои асосӣ ва ваколатҳои Комиссияи оштии миллӣ”;

Протокол дар бораи гурезаҳо;

Протокол дар бораи мушкилоти низомӣ;

Протокол дар бораи масъалаҳои сиёсӣ;

Протокол дар бораи татбиқи кафолати созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон.

Дар ҳақиқат ин ҳуҷҷати тақдирсоз барои осоиштагиву оромии кишвари мо замина гузошт, ки маҳз асосгузори ин Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳсуб меёбад.

Имрӯз кишвари мо дар арафаи ҷашни Ваҳдати миллӣ қарор дорад, ки аз он замонҳои бисёр ҳам мудҳиш алакай 26 сол паси сар шуд. Ва дар ин давом бо шарофати Ваҳдати миллӣ ва бо сиёсати бунёдкоронаи Пешвои муаззами миллат кишвари Тоҷикистон рушду нумӯъ намуда аз ҷиҳати амну осоиштагӣ миёни мамлакатҳои ҷаҳон мавқеи худро ишғол намудааст. Бале ин танҳо баракати сулҳ ва Ваҳдати миллӣ буда метавонад. Зеро Ваҳдати миллӣ ба мо якдиливу муттаҳиддӣ ва сарҷаъмиву амну осоиштагиро фароҳам овард. Ва барои пешрафти тамоми соҳаҳои кишвар замина гузошт. Ваҳдати миллӣ кафили сулҳ буда дар инкишофи минбаъдаи ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ, фарҳангиву ҳуқуқӣ ва сиёсӣ нақши мондагори худро хоҳад гузошт.

Муовини декан оид ба корҳои тарбиявӣ факултети журналистика М.Аминзода